**Такризи**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»))» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. – 172 с.

Дар забоншиносӣ ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи гӯйишҳои забони тоҷикӣ нисбат аз дигар бахшҳои он барвақттар муҳаққиқон даст зада, ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд. Аз ин рӯ, метавон марҳилаҳои таҳқиқи гӯйишҳоро шартан ба се марҳила ҷудо намуд: марҳилаи аввал то соли 1900 буда, асосан, дар ин марҳила ба ҷамъоварии маводи лаҳҷавӣ ва мансубияти забонии онҳо муҳҳаққиқон дахл кардаанд ва дар марҳилаи дуюм, ки то солҳои 50-уми садаи ХХ-ро фаро мегирад, самти фаъолияти худро муҳаққиқон ба гурӯҳ-бандӣ ва мансубияти шохаҳои гуногуни забони тоҷикӣ равона кардаанд. Марҳилаи савум таҳқиқи гӯйишҳои забони тоҷикиро то солҳои 1980 дар бар мегирад, ки дар ин давр ба ҷамъоварии саросарии гуфтори сокинони минтақаҳои тоҷикнишини Осиёи Марказӣ ва тадвини луғатномаҳою таҳқиқи системавии гӯйишҳои забони тоҷикӣ самти фаъолияти муҳаққиқон равона гардида буд. Ин боиси он гардид, ки осори бузурги шевашиносӣ ба вуҷуд омада, барои муайян кардани ҳудуди гӯйишҳои забони тоҷикӣ ва табақабандии онҳо мусоидат намояд. Муҳаққиқон дар се марҳилаи мазкур шеваҳои забони тоҷикиро гоҳо ба се ва гоҳе ба чор гурӯҳ дастабандӣ карда, гӯйиши сокинони мавзеи Варзобро ба гурӯҳи марказии шеваҳои забони тоҷикӣ мансуб донистаанд. Дар осоре, ки баъзе паҳлуҳои марбут ба гӯйиши Варзоб ва вижагиҳои русуми сокинони ин ноҳия таҳқиқ шуда буданд, вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагии он аз мадди назари донишмандони гӯйишшинос дар канор мондааст. Ин қабати луғавӣ дар таркиби луғати гӯйиши Варзоб ҷойгоҳи хоссаро ишғол мекунад ва кайҳост бо пешаи чорводорӣ ва нигохдории ҳайвоноти хонагӣ сокинони ин мавзеъ банд буда, барои ба вуҷуд омадани калимаю ибора ва таркибҳои зиёди соҳавӣ мусоидат кардаанд. Аз ин рӯ, ҷамъоварии маводи марбут ба вожагони ифодагари ҳайвоноти хонагии гӯйиши Варзоб, табақабандию таҳлил ва таҳқиқи илмии он яке аз масоили мубрамро касб кардааст. Ин мубрамӣ боис шуда, ки бо истифода аз осори назарии соҳаи шевашиносӣ ва маводи гӯйиши мазкур ба таҳқиқи вижагиҳои луғавӣ, сохторӣ ва роҳҳои шаклгириву рушди вожагони марбут ба соҳаи ҳайвоноти хонагии гӯйиши Варзоб дар шакли рисолаи илмӣ аз тарафи Рузиев Меҳрубон Миралиевич бо унвони «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи

лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)» омода гардад, ки айни муддаост ва мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти забоншиносӣ, хосатан ба бахши шевашиносии он ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01.–Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Аҳаммияти назарии мавзуи диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ин мавзуъ дар шевашиносӣ ягон кори илмӣ ба анҷом нарасида, дар диссертатсияи мазкур умдатарин масоили назарии марбут ба вожа, роҳҳои иқтибосшавӣ, ҷанбаҳои маъноӣ ва калимасозӣ баррасӣ гардиданд ва дахл кардан ба ҷанбаҳои назарии калимаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ аҳаммияти назарии таҳқиқро мустаҳкам намуда, матолиби назарии дар диссертатсия баррасигардида барои таҳқиқи минбаъдаи марбут ба назарияи забони адабӣ ва гӯйишҳои тоҷикӣ чун манбаи назарӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаи ба даст омада ва дастовардаҳоро дар таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои шевагӣ, баргузории курс ва семинари назариявию амалӣ аз шевашиносии таърихӣ ва тасвирӣ истифода кардан мумкин аст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд.

Дар қатори дигар гӯйишҳо таҳқиқу баррасии гӯйиши Варзоб аз тарафи олимон ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ сурат гирифта, доир ба ин гӯйиш ва баъзе вижагиҳои ҷузъиёти он таҳқиқоти назаррас ба анҷом расида, дар шакли асару мақолаҳо нашр гардидаанд, ки таълифоти В.С. Расторгуева дар байни ин таълифот ҷойгоҳи хоссаро касб мекунад ва ба андешаи Ғ.Ҷӯраев ин таҳқиқот ба зинаи нави таҳқиқи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ибтидо мегузорад. Аз ҷумла, ӯ лаҳҷаи Варзобро ба шеваи марказӣ шомил намуда, дар рафти таҳқиқ гӯйиши сокинони Варзобро ба чор гурӯҳ: «варзобӣ»,«кӯлобӣ», «қаротегинӣ», «вилоятӣ» тақсим карда, аз рӯйи ҳудуд ин гӯйишро фарогири 12 деҳа: Фанфароқ, Варзоб-Қалъа, Оби Оҷук, Оҷук-Дара, Зимчурӯд, Беғар, Ғажне, Ҳушёре, Пуғузе, Хоҷа Оби Гарм, Деҳмалик ва Тагоб медонад.

Ҳамин тавр, дар соҳаи омӯзишу таҳқиқи Варзоб ва баъзе вижагиҳои гӯйиши он асару мақолаҳои зиёде навишта шудаанд, ки онҳо дар такмили илми забоншиносии тоҷик, хусусан бахши шевашиносии он, ҳиссаи муҳим ба шумор меравaнд. Ба қавли муҳаққиқ «бештари асару мақолаҳои оид ба лаҳҷаи Варзоб ва суннатҳои мардумии ин маҳал маҳсули кори олимони асри гузашта буда, имрӯз бо диди нав такмил мехоҳанд, зеро забон дар ҳар давру замон рушду густариш меёбад ва рӯз то рӯз бозёфтҳои навро аз соҳибони забон ва муҳаққиқон тақозо менамояд. Ҳарчанд дар мавриди хусусиятҳои

лаҳҷаҳои сокинони Варзоб, хусусан, гурӯҳи «варзобӣ», маълумоти кофӣ зикр шуда бошанд ҳам, онҳо мисли дигар асару мақолаҳои ба лаҳҷаҳои гуногуни тоҷикӣ бахшидашудаи олимону муҳаққиқони дохилию хориҷӣ бештар дар доираи савтиёт, сарф ва этнография сурат гирифтаанд» (с.7). Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»))» андешаҳои фавқро собит менамояд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст вожагони марбут ба соҳаи ҳайвоноти хонагӣ дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») гирдоварӣ гардида, ҷойгоҳи он дар ғанисозии таркиби луғавии забони адабии тоҷик, омӯзиши роҳҳои ташаккулу таҳаввули овоӣ, луғавӣ-маъноии зиёда аз 1000 вожаи мавриди таҳқиқ қароргирифта ва мансубияти забонӣ, ҷиҳатҳои сохторӣ, алоқамандии таърихии вожагони мавриди таҳқиқ бо забонҳои қадима ва муосири шарқӣ-эронӣ, умумият ва тафовути вожагони мавриди таҳқиқ дар муқоиса бо дигар гӯйишҳои забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи шевашиносии тоҷикӣ ва вижагиҳои тасвирии он ба забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забони ноби тоҷикӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Мираливевич аз муқаддима, муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи вожагони марбут ба важаҳои ҳайвоноти гӯйиши варзоб аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Таҳқиқи луғавии калимаҳои предметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» ном дошта, фарогири 12 фасл аст ва дар фаслҳои боб доир ба осори илмии забоншиносии фарогири масоили назарии луғатшиносӣ ва лаҳҷашиносӣ мулоҳизаронӣ шуда, муҳтавои таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки барои таҳқиқи вожагон, калимаҳои соҳавӣ ва ҷанбаҳои гуногуни лаҳҷашиносӣ, аз ҷумла вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ заминаи илмӣ фароҳам оварда шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта мешавад ва барои ифодаи мафҳумҳои умумии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар лаҳҷаи Варзоб, маъмулан, чун дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои **чорпо//чорво, ҳайвон, чаранда, ҷонвар, мол, сурук, пода** ба кор бурда мешаванд ва оид ба ҳар яке аз ин мафҳумҳо маълумоти мукаммалу муфассал дода шудааст. Дар фаслҳои дигар вожагони марбут ба ҳайвоноти хурд **(буз, гӯспанд, саг** ва **пишак),** вожагони марбут ба ҳайвоноти калон **(гӯсола** (то яксола), **тайлоқ** (аз як то дусола), **ғуноҷин** (аз дусола то сесола), **модгов//модагов** (аз сесола боло), **буқа** (гови нари ахтанашуда), **буқача** (гӯсолаи наринаи ахтанашудаи аз яксола то дусола), **барзагов** (гови нари ахтакардашуда),) вожагони марбут ба ҳайвоноти боркаш ва саворӣ (асп ва хар), вожагони марбут ба узвҳои бадани ҳайвонот

(вожагони ифодакунандаи узвҳои берунии ҳайвонот ва амсоли инҳо маълумот дода мешавад.

Боби дуюми рисола «Таҳқиқи луғавии вожагони ғайрипредметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» ном дошта, фарогири 6 фасл ва зерфаслҳо аст. Дар ин боб вожаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагии гӯйиши номбурдаро аз нигоҳи мавзуӣ ба вожагони ифодагари хусусиятҳои зоҳирӣ ва хислату рафтор, ранги ҳайвонот, ҳаҷму андоза ва хусусияти ягон узви ҳайвонот, дараҷаи харобию фарбеҳии ҳайвоно, нуқсони ҷисмонии ҳайвонот ва амсоли инҳо дастабандӣ гадидаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳқиқи забонӣ, маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» номгузорӣ шуда, фарогири 3 фаслу чанд зерфасл буда, дар ин боб вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагии гӯйиши Варзоб аз нигоҳи мансубияти забонӣ, маъноӣ ва сохторӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ аз нигоҳи ташаккули забонӣ, яъне калимаҳои худию иқтибосӣ, ҷанбаҳои маъноию сохторӣ барои муайян кардани ҳодисаҳои луғавию грамматикӣ аҳаммияти калон дошта, калимаҳои тоҷикӣ дар он мавқеи муҳим дорад ва бештари вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ мутааллиқи забони тоҷикӣ аст. Дар баробари калимаҳои худӣ (тоҷикӣ) вомвожаҳои арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-байналмилалӣ ҷойгоҳи хоссаро ишғол мекунад. Инчунин қабатҳои маъноӣ (муродиф, калимаҳои ҳамовоз ва мутазод) дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он ҷойгоҳи махсус дошта, дар ҳақиқат, ин гурӯҳи калимаҳо дар роҳи муайяннамоии вижагиҳо ва маъноҳои калима, тобишҳои маъноӣ, роҳҳои бавуҷудоии калимаҳои нав ва аз якдигар фарқ кардани маънои калимаҳо кумак расонида, дар ин поя муродифҳо, вожаҳои ҳамово, мутазод ва амсоли инҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Фасли чоруми боби сеюми диссертатсия «Таҳқиқи сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» ном дошта, таҳқиқи сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ арзёбӣ мегардад ва маводи гирдоварда ба гурӯҳҳои вожагони сода, сохта (бо пасванди -чӣ, -гар, -ӣ, -ак,-а, -ча) ва пешванди бе-), мураккаб (мураккаби пайваст ва тобеъ) ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Хулосаи диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 17 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо

нияти пешрафти корҳои таҳқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, дар унвони диссертатсия, ки «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)» аст, калимаи маъноӣ, ки бо луғавӣ якҷоя омадааст, барзиёд буда, ҳамон маъниро калимаи луғавӣ медиҳад. Қолиби луғавӣ-маъноӣ калкаи лексический-семантический русӣ буда, дар забони тоҷикӣ онро танҳо бо калимаи луғавӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

2. Дар номи диссертатсия ва автореферат, ба назари мо, ду маротиб зикр шудани вожаи варзоб (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») андаке ҳусни номгузориро коҳиш додааст. Дар унвони диссертатсия зикр шудани вожаи варзо кифоя буд, ки ҳамон маром ифода ёбад.

3. Дар диссертатсия ва автореферат ба ҷойи истилоҳи «лаҳҷа» истифодаи «шева» ё «гӯйиш» беҳтар мебуд. Зеро дар таснифи истилоҳоти шевашиносӣ вожагони лаҳҷа арабӣ буда, вожагони шева ва гӯйиш тоҷикӣ аст. Аз ин рӯ, корбурди ин вожагони тоҷикӣ барои ҷорӣ гардидани вожагони илмии тоҷикӣ низ мусоидат мекунад.

4. Баъзе фаслҳои таркиби бобҳо дар шакли ҷумла ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, фасли дахуми боби якум дар шакли «Вожаҳое, ки ба коркарди маҳсулоти соҳа вобастаанд» ифода ёфтааст. Ба назари мо, ин фасл низ дар шакли ибора, яъне «Вожаҳои ифодагари коркарди маҳсулоти соҳа» хеле хуб мешуд.

5.Баъзан ба ҷойи ифодаи истилоҳи забоншиносӣ истилоҳи адабиёт-шиносӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Чунончи ба ҷойи “калимаҳои зидмаъно ё антонимҳо истилоҳи адабиётшиносии мутазод мавриди истифода қарор гирифтааст.

6. Дар феҳристи адабиёт на ҳамаи адабиёти соҳавӣ оварда шудааст. Аз ин рӯ, он такмил мехоҳад.

7. Дар саҳифаҳои 5, 6, 9, 31, 61, 63, 64-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳатмист.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Рузиев Меҳрубон Миралиевич ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои

таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илми филология, профессори
кафедраи таърихи забон ва типологияи
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Д.Р.

«06» июни соли 2023.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Дилкушо, бинои 28/1, ҳуҷраи 7
Тел.: (+992) 907-79-82-65
E-mail: homidov65@mail.ru

**Имзои Ҳомидов Дилмурод Раҷабовичро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«07» июни соли 2023.